Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# САВОДОМӮЗИИ ЗАБОНИ МОДАРӢ ВА ХОНИШ

Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфи 1-уми мактабҳои таълими миёнаи умумӣ

*Вазорати таълими халқи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба нашр тавсия намудааст*

Нашри нав




Тошканд – 2021

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

УЎК 811.222.8(075.3)
КБК 81.2(5Тад)я72
Ч 78

Таваккал Чориев, Ҷумъаназар Эшонқулов

Муқарризон:
***Ҷ. Ҳамроев, С. Хӯҷақулов*** – устодони кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Самарқанд,
***Р. Абдуллоев, М. Қурбоналиева*** – устодони кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқи Донишгоҳи давлатии Тирмиз;
***А. Раҷабов*** – омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби рақами 88-уми ноҳияи Китоби вилояти Қашқадарё;
***Х. Маншуров*** – омӯзгори синфҳои ибтидоии мактаби рақами 14-уми ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд.

## АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

 – Андешаронӣ

 – Мустақилфикрӣ

 – Фаъолияти эҷодӣ

 – Фарҳанги имло


 – Кор бо луғат

 – Машғулияти завқбахш

 – Кор бо гурӯҳ

 – Ганҷи андарзҳо

 – Тест (Pisa)

 – Чархи ақл

 – Хушзеҳнӣ

 – Савол ва супориш

 – Вазифаи хонагӣ

Саводомӯзии забони модарӣ ва хониш, синфи 1 (Матн): китоби дарсӣ / Т. Чориев (ва диг.) (Қисми 1-ум). – Тошканд: Маркази таълими Республика, 2021. – 104 саҳ.

*Макети оригиналӣ ва консепсияи дизайнӣ аз ҷониби маркази таълими Республика коркард шудааст.*

*Аз ҳисоби маблағҳои Бунёди мақсадноки китоби республика чоп шудааст.*

ISBN 978-9943-7156-7-7

© Маркази таълими Республика, 2021

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

# Мундарича


| Боби I. Ман, ту, ӯ, вай (мо, шумо, онҳо) | | |
|---|---|---|
| Мавзӯи 1. | Ӯзбекистон – кишвари пурифтихори мо | 5 |
| Мавзӯи 2. | Ватан – маъвои зебоям | 7 |
| Мавзӯи 3. | Ватан | 9 |
| Мавзӯи 4. | Ифтихори мо | 10 |
| Мавзӯи 5. | Деҳаи мо | 12 |
| Мавзӯи 6. | Оилаи мо | 13 |
| Мавзӯи 7. | Меҳрубонии модар | 15 |
| Мавзӯи 8. | Дастёраки модар | 16 |
| Мавзӯи 9. | Аскар ва байрақ | 18 |
| Мавзӯи 10. | Аскари Ватан | 19 |
| Мавзӯи 11. | Зимистон | 22 |
| Мавзӯи 12. | Барфи нуқрафом | 23 |
| Мавзӯи 13. | Роҳатфизо | 24 |
| Мавзӯи 14. | Мо хушбахтем | 25 |
| Мавзӯи 15. | Барфрезаҳои дурахшон | 26 |
| Мавзӯи 16. | Чаро ранги барф сафед аст? | 28 |
| Мавзӯи 17. | Духтарони синфи мо | 29 |
| Мавзӯи 18. | Писарони синфи мо | 31 |
| Мавзӯи 19. | Баёни андеша ва фикру мулоҳизаҳо | 32 |
| Мавзӯи 20. | Ҷашни Меҳргон | 33 |
| Мавзӯи 21. | Иди Наврӯз | 35 |
| Мавзӯи 22. | Айёми таътилу фароғат | 37 |
| Мавзӯи 23. | Бозиҳои шавқовари дидактикӣ | 38 |
| Мавзӯи 24. | Такрор ва мустаҳкамкунӣ | 39 |
| Мавзӯи 25. | Кори назоратӣ ва таҳлили он | 39 |
| **Боби II. Олами табиати рангин** | | |
| Мавзӯи 26. | Фаслҳои пуршукӯҳи сол | 40 |
| Мавзӯи 27. | Баҳор | 41 |
| Мавзӯи 28. | Ҳадягулҳои фасли баҳор | 43 |
| Мавзӯи 29. | Тобистон | 44 |
| Мавзӯи 30. | Дар мавсими тобистон | 45 |
| Мавзӯи 31. | Давоми мавзӯъ | 46 |
| Мавзӯи 32. | Тирамоҳ | 48 |
| Мавзӯи 33. | Ранги тирамоҳ | 49 |


*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE


| | | |
|---|---|---|
| Мавзӯи 34. | Меваю сабзавотҳои ҳаётбахш | 51 |
| Мавзӯи 35. | Себ | 52 |
| Мавзӯи 36. | Анор | 53 |
| Мавзӯи 37. | Дӯлона | 55 |
| Мавзӯи 38. | Савол ба навниҳол | 56 |
| Мавзӯи 39. | Зист ва паноҳгоҳи ҳайвонот | 57 |
| Мавзӯи 40. | Ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ | 59 |
| Мавзӯи 41. | Мурғи марҷон | 60 |
| Мавзӯи 42. | Суруди кабки дарӣ | 62 |
| Мавзӯъҳои 43–44. | Беҳтарин ҷойи дунё | 64 |
| Мавзӯи 45. | Давоми мавзӯъ | 66 |
| Мавзӯи 46. | Баҳс | 67 |
| Мавзӯи 47. | Такрор ва мустаҳкамкунӣ | 69 |
| Мавзӯъҳои 48–49. | Кори назоратӣ ва таҳлили он | 72 |
| **Боби III. Ақли солим – дар ҷисми солим** | | |
| Мавзӯи 50. | Хондан тавонӣ, хуб аст! | 73 |
| Мавзӯи 51. | Китоб мехонем! | 75 |
| Мавзӯи 52. | Маърифатомӯзи мо | 76 |
| Мавзӯи 53. | Одоби либоспӯшӣ | 77 |
| Мавзӯи 54. | Бачаи боодоб | 78 |
| Мавзӯи 55. | Бачаи беодоб | 80 |
| Мавзӯи 56. | Шоистаи дастёр | 81 |
| Мавзӯи 57. | Инкишофи нутқ ва маҳорат | 82 |
| Мавзӯи 58. | Иттифоқӣ | 83 |
| Мавзӯи 59. | Як салому се ҷавоб | 85 |
| Мавзӯи 60. | Аввал | 87 |
| Мавзӯи 61. | Одоб омӯхтем | 88 |
| Мавзӯи 62. | Эҳтироми падару модар ва калонсолон | 90 |
| Мавзӯи 63. | Дилсӯзӣ | 91 |
| Мавзӯи 64. | Модарам | 92 |
| Мавзӯи 65. | Варзиш | 94 |
| Мавзӯи 66. | Тарбияи ҷисмонӣ ва саломатӣ | 96 |
| Мавзӯи 67. | Гимнастикаи пагоҳирӯзӣ | 97 |
| Мавзӯъҳои 68–69. | Беҳдошти шахсии бадан | 98 |
| Мавзӯи 70. | Бандкашӣ | 100 |
| Мавзӯъҳои 71–72. | Такрор ва мустаҳкамкунӣ | 102 |
| Мавзӯи 73. | Кори назоратӣ ва таҳлили он | 103 |


*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 1. Ӯзбекистон – кишвари пурифтихори мо



Кишвари мо Ӯзбекистон ном дорад. Мо кишварамон Ӯзбекистонро дӯст медорем. Пойтахти кишварамон шаҳри Тошканд мебошад. Парчам, герб, мадҳия, Сарқонун рамзҳои кишварамон ба шумор меравtotal.

Ҷашни истиқлоли Ӯзбекистон дар моҳи сентябр баргузор мегардад. Мо бо хурсандӣ ҷашни истиқлолро пешвоз мегирем. Шеъру сурудҳои дилнишин мехонем. Бо ҳамсинфон мерақсему мебозем. Ба сайру тамошои кишварамон мебароем.

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Калимаҳои поёниро бомаврид кор фармуда, ҷумла тартиб диҳед.

1. Кишвари мо ____________ ном дорад.
2. Пойтахти он шаҳри __________ мебошад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



| | | |
|---|---|---|
| **Ӯзбекистон** | **Тошканд** | **Сарқонун** |
| **Мадҳия** | **Парчам** | **Герб** |

Бо гурӯҳи «Доноён». Аз чанд ҳарфу овоз иборат будани калимаи «Ӯзбекистон»-ро гӯед. Пас аз он ба ҳиҷо ҷудо карда нависед.

Бо гурӯҳи «Ҳозирҷавобон». Дар кадом шаҳр ҷойгир будани пойтахти Ӯзбекистонро номбар кунед. Пас аз он аз чанд ҳарфу овоз иборат буданашро муайян намоед.

Бо гурӯҳи «Суханварон». Аз чанд ҳарфу овоз ва ҳиҷо иборат будани калимаи истиқлолро гӯед.

Аз ҳарфҳои пошхӯрда ҷумлаи «Ӯзбекистон ватани мост»-ро тартиб диҳед.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ӯ | Е | С | Н | Т | И | С |
| З | К | Т | В | А | М | Т |
| Б | И | О | А | Н | О | . |

**Парчам** – байрақ, ливо.
**Герб** – нишон, нишони миллӣ.
**Мадҳия** – суруди миллӣ.
**Сарқонун** – конститутсия.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 2. Ватан – маъвои зебоям



Номаки зебо дорӣ,
Мурғаки Ҳумо дорӣ.
Сарвари доно дорӣ,
Ватанам Ӯзбекистон,
Чаманам Ӯзбекистон

*Дилороми Бобоёр*

Шеърро бурро ва равон хонед.

Сӯҳбат дар мавзӯи **«Мо медонем, Шумо чӣ?»**

Гурӯҳи «Доноён»: – Мо номи кишварамон, шаҳрҳои кишварамон, сана ва солҳои қабули рамзҳои давлатиро медонем. **Шумо чӣ?**

Гурӯҳи «Ҳозирҷавобон»: – Мо ҳам медонем. Ана бишнавед. Номи кишварамон Ӯзбекистон ва пойтахташ шаҳри Тошканд аст. Бухоро, Самарқанд, Навоӣ, Хоразм, Ҷиззах,

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Сирдарё, Сурхондарё, Фарғона, Андиҷон ва Намангон номи вилоятҳои кишварамон мебошанд.

Сана ва солҳои қабули рамзҳои давлатиро мо ҳам медонем. **Шумо чӣ?**

Гурӯҳи «Суханварон»: – Мо ҳам медонем. Ана бишнавед. Мадҳия (суруди миллӣ)-и Ӯзбекистон 10-уми декабри соли 1992, парчам 18-уми ноябри соли 1991, герб (нишон) 2-юми июли соли 1992 тасдиқ ва қабул гардидааст.

Аз рӯйи расм воситаҳои нақлиётро номбар кунед ва ба дафтари машқ нависед.









Самолёт – ҳавопаймо, поезд – қатора, автобус – мусофиркаш, таксӣ – кирокаш.

Калимаҳои зеринро ба ҳиҷо ҷудо карда нависед.

Ӯзбекистон, кишвар, мадҳия, парчам, герб, Сарқонун

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 3. Ватан



Ватан! Калимаи дилнишин ва зебост. Ҷаҳон-ҷаҳон маъно дар он муҷассам гардидааст. Ватан болу пар, бахту иқбол, орзуву умед ва сарфарозу сарбаландии инсон аст.

Ватан он ҷост, ки хуни нофи мо рехтааст. Ватан он ҷост, ки бо ҳамроҳи халқу миллат ва дар ҳалқаи онҳо ба камол мерасӣ. Ҳунар меомӯзӣ ва дар пайи озодию ободии он мекӯшӣ.

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

1. Чӣ гуна маскан Ватан ба шумор меравад?
2. Ватанамон чӣ ном дорад?

Хонед ва маънидод кунед.

## Зарбулмасал

Шахси беватан – булбули бечаман.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Бозии **«Калимаёбак»**. Бо истифодаи ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳои **меҳан, диёр, макон ва деҳаро** тартиб диҳед.

| | | |
|---|---|---|
| М | Е | Ҳ |
| Д | Н | А |
| И | Ё | Р |

| | | |
|---|---|---|
| М | А | К |
| Д | Н | О |
| Е | Ҳ | А |

Бо як нафасбарорӣ тезгӯякро такрор кунед ва ҷавоби чистонро ёбед.

## Тезгӯяк

Як аз ду, ду аз се, се аз чор якто-якто хурд.

## Чистон?

| | |
|---|---|
| Кушой, як ном,<br>Пӯшӣ, дигар ном. |  |
| |  |

Матнро хонед ва аз рӯйи мазмуни ҷумлаҳои якуму дуюм савол тартиб диҳед.

# Мавзӯи 4. Ифтихори мо

Аломат ва тасвирҳои парчаму герби кишварамонро номбар кунед.

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Дар кишварамон зиёда аз 130 намояндагони миллат муттаҳидона зиндагӣ мекунанд. Фарзандони комилҳуқуқаш ба ҳафт забони модарии худ таҳсил мегиранд.

Ӯзбекистон барои фарзандони илму ҳунаромӯз шароит ва имкониятҳои хубу фароҳам бунёд намудааст.

**Муттаҳидона** – бо ҳам як шудан, аҳлонагӣ.

**Комилҳуқуқ** – дорои ҳуқуқи пурра, соҳибихтиёр.

**Фароҳам** – ҷамъшуда, гирдомада.

Бозии **«Калимаёбак»**. Бо истифодаи ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳои **замин, шаҳр, Қонун** ва **қисм**ро тартиб диҳед.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳ | А | Ш | | Қ | О | Н |
| Р | М | И | | Қ | М | У |
| З | А | Н | | И | С | Н |

Номи кишварҳо, шаҳру деҳот, гузару ноҳияҳо, одамон, рӯзномаву маҷаллаҳо бо ҳарфи калон навишта мешаванд.

Бо калимаҳои **ман, ту, ӯ, вай** ҷумла тартиб диҳед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 5. Деҳаи мо

Деҳаи мо Гулистон ном дорад. Гулистон дар доманаи кӯҳ ҷойгир аст. Деҳаи мо дар тарафи офтобрӯя воқеъ гардидааст. Субҳ офтоби ҷонбахш аз паси кӯҳ баромада, аввал ба деҳаи мо нурпошӣ мекунад. Аз тарафи чапи деҳа чашмаю дарёҳо ба сӯйи ҷангалзор ҷорӣ мешаванд. Дар ҷангалзор дарахтони худрӯй, гулу гиёҳҳои шифобахш мерӯянд. Мо онҳоро чида ҳамчун доруворӣ истифода мебарем. Мо деҳаамонро дӯст медорем.

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

| Чистон | Кадом рӯзҳои ҳафта аст он? | |
|---|---|---|
| Мехонӣ ҳафтто, Менависӣ панҷто. | як ..... | ду .......... |
| | се ......... | чор ......... |
| | панҷ ........ | |

Аз ҳарфҳои пошхӯрда калимаҳои **зимистон, барф, хунук, синф ва ҳаво**ро тартиб диҳед.

З М С И Х

Н А Ҳ Б Р

Т О В Ф К У

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ҷумлаи зеринро бо хати зебо нависед.

Мо деҳаамонро дӯст медорем.

Номи деҳа, шаҳр ва кишваратонро нависед.

## Мавзӯи 6. Оилаи мо

Оилаи мо калон аст. Ман падару модар, ду бародар ва ду хоҳар дорам. Падари ман шифокор аст. Ӯ дар беморхонаи ноҳияамон кор мекунад. Модарам муаллима аст. Ӯ ба мактаби деҳаамон кор мекунад. Як бародари ман донишҷӯ мебошад.



Матнро хонед ва аз таркиби он калимаҳои ифодакунандаи аҳли оила ва хешовандонро муайян намоед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Бо корбасти калимаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Бобо | Падар | Хола | Хоҳар

Модар | Модаркалон | Додар | Омӯзгор

Ҳамсинф | Ака | Ҳамсоя | Дӯст




**Бо гурӯҳи «Доноён».** Ба хурдтаракон ва куҳансолон ном интихоб кунед.

**Бо гурӯҳи «Ҳозирҷавобон».** Номи чанде аз предметҳоро нависед.

**Бо гурӯҳи «Суханварон».** Бо чӣ гуна машғулият банд будани хурдтаракону куҳансолонро номбар кунед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 7. Меҳрубонии модар



Шом фаро расид. Модар ҳамаро ба сари дастархон даъват кард. Ҳама даст шуста, сари дастархон нишастанд. Тантана оғоз ёфт. Баъди муборакбодии модаркалон, ба таом хӯрдан сар карданд, аммо аз гулӯи Аниса чизе намегузашт. Вай беқарору парешон буд.

Матнро хонед ва аз рӯйи мазмуни расм фикратонро баён кунед.

Фикр кунед ва ҷумла тартиб диҳед.



+И МО
ДАР

АСТ.



РӮЯ+

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Номи одамон бо ҳарфи калон навишта мешаванд.

Ҷумлаи зеринро бо хати зебо нависед.

Рӯзҳои зимистон дашт барфпӯш мегардад.

## Мавзӯи 8. Дастёраки модар



Пеш аз ғуруби офтоб Шаҳнозу Анисаю модар дар меҳмонхона кӯрпача густурда, болишт гузоштанд. Баъд дастархон оростанд. Рӯйи он себу анор, ноку ангур, мандарину банан, шарбату мураббо ва кулчаю чаппотӣ гузоштанд. Як гулдастаи зебои тару тоза ҳам дар миёнҷо дастархонро оро медод.

Матнро хонед, калимаҳои ифодакунандаи номи меваҳоро ба дафтар рӯбардор кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ба расм сарлавҳа интихоб кунед.




Аз рӯйи расм фикратонро баён кунед.

Хонед ва ҳикмат омӯзед.

## Зарбулмасал

Адаб – ганҷи беҳтарин.

Ҳарфҳои пошхӯрдаро дар катакчаҳои холӣ бомаврид гузошта, калима тартиб диҳед.

Т
А Б
Р И К
Н О М А

Ба омӯзгор **ташаккур**,
Маро омӯхт «Алифбо»
Ҳоло калон **гаштаам**,
Мехонам хубу аъло.

*Собир Зикирзода*

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 9. Аскар ва байрақ

*(14 январ – Рӯзи муҳофизони Ватан)*

Байрақ барои аскар –
Чун шаъну шон азиз аст.
Ҳамчун шараф муқаддас,
Монанди ҷон азиз аст.

Илҳомбахши аскар,
Ҳангоми ҷанг – байрақ.
Ҳодии фатҳу нусрат,
Номусу нанг – байрақ.

Байрақ ки пар фишонад,
Нури зафар фишонад.
Зӯру тавон бубахшад,
Танҳо ба пеш хонад.

*Ҷӯра Ҳошимӣ*



Шеърро бурров равон хонед ва мазмунашро маънидод кунед.

Бозии **«Калимаёбак»**. Бо истифодаи ҳарфҳо калимаҳои **хона**, **намуд** ва **муносибат** тартиб диҳед.

| | | |
|---|---|---|
| М | У | Д |
| А | Н | Х |
| А | Н | О |

| | | |
|---|---|---|
| Т | А | Б |
| О | С | И |
| Н | У | М |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ба муносибати ҷашни ***14-уми январ – Рӯзи муҳофизони Ватан*** бо кӯмаки хоҳар ва бародарони калонсол табрикнома нависед.

## Мавзӯи 10. Аскари Ватан

Аскари Ватан
Сулҳбони мост.
Лашкари Ватан
Посбони мост.

Сарҳади Ватан
Дар нигоҳи ӯст,
Кулли халқи ман
Дар паноҳи ӯст.

Аскари Ватан
Ҳаёт чун сипар
Марзу буми ман
Эмин аз хатар.

Ҳифзи амният
Ин шиори ӯст.
Ҳифзи мамлакат
Ифтихори ӯст.



Шеърро бурро ва равон хонед. Маънои калимаҳои душворфаҳмро бо кӯмаки омӯзгор шарҳ диҳед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Бо ҳарф ва овозҳои алифбои забони тоҷикӣ шинос шавед.

## Алифбо дар рақамҳо

| Ҳарфҳо | Тартибу рақами ҳарфҳо | Ҳарфҳо | Тартибу рақами ҳарфҳо | Ҳарфҳо | Тартибу рақами ҳарфҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| Аа | 1 | Йй | 13 | Ӯӯ | 25 |
| Бб | 2 | Кк | 14 | Фф | 26 |
| Вв | 3 | Ққ | 15 | Хх | 27 |
| Гг | 4 | Лл | 16 | Ҳҳ | 28 |
| Ғғ | 5 | Мм | 17 | Чч | 29 |
| Дд | 6 | Нн | 18 | Ҷҷ | 30 |
| Ее | 7 | Оо | 19 | Шш | 31 |
| Ёё | 8 | Пп | 20 | ъ | 32 |
| Жж | 9 | Рр | 21 | Ээ | 33 |
| Зз | 10 | Сс | 22 | Юю | 34 |
| Ии | 11 | Тт | 23 | Яя | 35 |
| ӣ | 12 | Уу | 24 | | |

Алифбои забони тоҷикӣ аз 35-то ҳарф ва 34-то овоз таркиб ёфтааст. Ҳар як ҳарф овозҳои хоси худро дорад. Шакли чопиву дастхати ҳарфҳо аз ҷиҳати навишт аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Аз ҷадвали «Алифбо дар рақамҳо» истифода бурда, бо рақамгузорӣ номи предметҳоро нависед.



4

... мағз



... шоха



... испанд

1000



... по





Муайян кунед ва гӯед, ки маънои калимаҳо бо иваз шудани кадом ҳарфу овозҳо ба вуҷуд омадааст?

Бар – бор – бӯр – бур, тор – тар – тир, дониш-хониш

Номи шаҳрҳои кишварамонро аз рӯйи тартиби ҳарфҳои алифбо нависед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# МО ХУШБАХТТАРИН ФАРЗАНДОНИ ДИЁРЕМ!

## Мавзӯи 11. Зимистон



Фасли зимистон омад,
Барфи дурахшон омад.
Бароетон, бачаҳо,
Тафсад бозӣ, хандаҳо.

Чӣ хуш боридааст барф
Нуқра барин ҳар тараф.
Мо дар ҳар сӯ метозем,
Аз барф одам месозем.

*Абдусалом Деҳотӣ*

Шеърро буррову равон хонед ва ба саволҳо ҷавоб диҳед.

1. Як сол аз чанд фасл иборат аст?
2. Фаслҳои солро номбар кунед?
3. Фасли зимистон кадом моҳҳоро фаро мегирад?
4. Дар фасли зимистон ҳаво чӣ гуна мешавад?
5. Дар фасли зимистон бисёртар чӣ мебо-рад.
6. Соли нави мелодӣ аз кай оғоз меёбад?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Калимаҳои ду қатори аввали банди якум ва дуюми шеърро ба ҳиҷо тақсим карда нависед.

*Намуна:* Ба – ро – е – тон, ба – ча – ҳо,
Таф – сад бо – зӣ, хан – да – ҳо.

Фикру мулоҳазаатонро баён кунед.

## Зарбулмасал

Барф кӯрпаи замин аст.

## Мавзӯи 12. Барфи нуқрафом

Ҳаво хунук шуд. Осмонро абрҳои сафедчаранг фаро гирифтанд. Барф ба боридан сар кард. Дар андак вақт рӯйи замин ва боғот бо барф пӯшида шуд. Мо барфи аввалинро дидан замон хурсанд шудем. Пас аз дарс ба беруни деҳа баромада, барфбозӣ кардем. Аз барф бобои барфӣ сохтем.

Матнро хонед ва лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

Овозҳоро мешунавем ва талаффуз мекунем.

Ҳарфҳоро мебинем, менависем ва мехонем.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ҷумлаҳои зеринро бо хати зебо нависед.

1. Муаллим ба мо офарин гуфт.
2. Рустам барои хати зебояш баҳои аъло гирифт.

## Мавзӯи 13. Роҳатфизо



Дар вақташ омад,
Зебо зимистон.
Бориду борид
Барфе фаровон.
Мо ҳам ба берун,
Гӯё паридем.

Аз шавқу шодӣ
Ҳар сӯ давидем.
Чун дар баҳорон,
Форам ҳаво шуд.
Барфи фаровон,
Роҳатфизо шуд.

*Муродалӣ Собир*

Шеърро буррову равон хонед ва мазмунашро нақл кунед.

о, а, у, ӯ, и, э ҳарф ва овозҳои садоноканд.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ҳарф ва овозҳои садоноки калимаҳои зерин-ро муайян кунед.

Зимистон, барф, борид, шодӣ, давидем, фаровон, роҳатфизо.

Ба ҷойи нуқтаҳо ҳарф ва овозҳои садонокро гузошта, калимаҳоро дар шакли пурра ба дафтар рӯбардор кунед.

Ш...на, хом..., х...рр...м, м...ъно, з...вқ, д...ст, к...б... тар.

## Мавзӯи 14. Мо хушбахтем

Мо бачагонем,
Хушбахту хандон.
Озоду шодем,
Дар ин гулистон.

Сулҳу амонӣ,
Мақсади моён.
З-он зиндагонӣ,
Шавад дурахшон.

Шаббода бигзар,
Аз кишвари мо.
Ба бачаҳо бар,
Суруди моро.



*Салимшо Ҳалимшо*

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Шеърро бурро ва равон хонед.

1. **Амонӣ** – тинҷӣ.
2. **3-он** – аз он.
3. **Хӯй** – хислат.

Миқдори овоз ва ҳарфҳои калимаҳои **хушбахт**, **хандон**, **озод**, **шод** ва **дурахшон**ро муайян кунед.

б, в, г, ғ, д, ж, з, й, к, қ, л, м, н, п, р, с, т, ф, х, ҳ, ч, ҷ, ш, ъ ҳарф ва овозҳои ҳамсадоянд.

Калимаҳоро ба дафтар нависед ва ба зери овозу ҳарфҳои аз ҳамдигар фарқкунанда хат кашед.

| | | |
|---|---|---|
| Барф – ҳарф | Хунук – тунук | Гарм – нарм |
| Хона – шона | Бемор – бедор | Кӯза – кӯча |
| Хола – холӣ | Ранг – санг | Паст – шаст |

Шеъри «Мо хушбахтем»-ро аз ёд кунед.

## Мавзӯи 15. Барфрезаҳои дурахшон

Дар фасли зимистон барфрезаҳои нозуки дурахшон ба рӯйи замину болои дарахтон ва боми хонаҳо мерезанду мерезанд. Барф аз заррачаҳои яхкардаи об ба вуҷуд ома-

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



даast. Онҳо низ мисли борон аз абр меборанд, аммо шакли барф ба борон монанд нест. Борон аз донаҳои хурду калони об, барф бошад, аз яхпораҳои тунуки ба ҳам часпида иборатанд. Агар шумо донаи барфро аз наздик мушоҳида кунед, мебинед, ки он шаклҳои аҷиби ниҳоят зебо дорад ва ба ситорачаи панҷ ё шашгӯша монанд аст.

Матнро хонед, калимаҳои **заррача** ва **яхпора**ро ба ҳиҷо ҷудо карда нависед.

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

«**А**» гуфтам, нарасиданд,
«**Б**» гуфтам – расиданд.



Бозии **«Калимаёбак»**. Бо истифодаи ҳарфҳо калимаҳои **чашм**, **ҳолат**, **ҳаёт** ва **кӯдак** тартиб диҳед.

| | | |
|---|---|---|
| А | Ш | М |
| Ч | Т | А |
| Ҳ | О | Л |

| | | |
|---|---|---|
| Д | Ӯ | К |
| А | А | Ё |
| К | Ҳ | Т |

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Хонед ва бо хати зебо нависед.

Забон зинати ақл аст.
Сухани ширин – аз асал ширин.

## Мавзӯи 16. Чаро ранги барф сафед аст?

Ҳар як донаи барф (ҳар як ситорачаи барфӣ) бетартиб болои ҳамдигар афтида, ковок ва анбӯҳ шуда мехобанд. Нури офтоб ё равшании рӯз дар дохили зарраҳои барф пароканда мешавад ва ба ҳар тараф паҳн гашта, онро равшан (сафед) мекунад. Барои ҳамин мо барфро ба ранги сафед мебинем. Ҳамин тариқ, сафедии барф ба равшании атроф вобаста будааст.



Матнро хонед ва лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Бо ҳамсадоҳои аз ҳамдигар фарққунанда калимаҳо тартиб диҳед.

р, т, ҷ → ӯй

б, д, з, х, к → ор

с, з, т, п, д, к → ар

Бо корбасти калимаҳои **барфтӯда**, **барфӣ** ва **барфак** ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## Мавзӯи 17. Духтарони синфи мо

Дар дарси дуюм муаллим гуфт:

– Духтарони синфи мо даҳ нафаранд.

Мо инро аллакай медонистем. Аммо муаллим ба мо хабари нав расонд:

– Ҳафт духтар номи якхела доранд: **Лола, Садбарг, Нилуфар, Наргис, Бунафша, Ёсуман** ва **Хайрӣ.**

Фарҳод ҳайрон шуд:

– Муаллим! Ин номҳо якхела нестанд-ку?

Муаллим шарҳ дод:

– Чаро? Тамоман якхела, номи гулҳоянд. **Лола, Садбарг, Нилуфар, Наргис, Бунафша, Ёсуман** ва **Хайрӣ** гулдастаи синфи мо мебошанд.

Рустам нохост аз ҷой бархесту гуфт:

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



– Муаллим, дар синфи мо Гулдаста ҳам ҳаст. Боз дар номи ду нафар гул ҳаст: **Гулчаҳону Гулнора**.

– Офарин! – хурсанд шуд муаллим. – Дидед, бачаҳо, синфи мо гулзору гулистон аст! Гулҳои рангоранг, гулҳои хушрӯ, гулҳои хушбӯ! Даҳ гул, як гулдастаи зебо!

Матнро хонед ва фикратонро баён кунед.

Бозии **«Бо гулҳо ба духтарон ном мегузорем»**.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Р | . | . | . | о | |
| Б | . | . | . | . | а |
| С | . | . | . | . | н |
| С | . | . | . | . | л |



Ҷумлаи зеринро бо хати зебо нависед.

Раъно, Бобуна, Савсан, Сунбул номи гул ва духтарон аст.

Бозии **«Аз донагулҳо гулдаста месозем».** Гулистони гулҳо: лола, садбарг, нилу-

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



фар, наргис, бунафша, ёсуман, хайрӣ, раъно, бобуна, савсан, сунбул.





Номи гулҳо ҳамчун растанӣ бо ҳарфи хурд, ҳамчун номи духтарон бо ҳарфи калон навишта мешавад.

Номи духтарони ҳамсинфро бо тартиби ҳарфҳои алифбо нависед.

## Мавзӯи 18. Писарони синфи мо

Дар синфи мо, – гуфт муаллим, – номи ҳашт писар як маъно дорад. Ин номҳо кадоманд?

Аввал Сино даст бардошт.

– **Ҷасур, Далер, Баҳодур, Диловар, Қаҳрамон**, – ҷавоб дод ӯ.

– Се номи дигар ҳаст, – гуфт муаллим.

Фарҳод пурсид:

– Ман маънои номамро намедонам...

Муаллим гуфт:

– Маънои «Фарҳод» «паҳлавон» аст. Фарҳод қаҳрамони қиссаю афсонаҳост.

– Пас маънои номи ман ҳам «далер»-у «ҷасур» аст? – пурсид Фарҳод...

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Матнро хонед ва маънои номи худатонро гӯед.

Чистонро хонед ва ҷавобашро ёбед.

Шунавандааш бинанда не,
Бинандааш шунаванда не.



Номи писарони ҳамсинфро бо тартиби ҳарф-ҳои алифбо нависед.

## Мавзӯи 19. Баёни андеша ва фикру мулоҳизаҳо




Ду-се ҷумлаи ба расму тасвирҳо алоқаманд нависед.

Бозии **«Калимаёбак»**. Бо истифодаи ҳарфҳо калимаҳои **дарахт**, **абр**, **сол** ва **нафақа** тартиб диҳед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



| | | |
|---|---|---|
| Қ | А | Л |
| А | С | О |
| Ф | А | Н |

| | | |
|---|---|---|
| А | Д | А |
| Б | Р | Р |
| Т | Х | А |

Предметҳоро номбар кунед. Пас аз он ба дафтар бо хати зебо нависед.







Калимаҳои **китоб**, **қалам**, **қаламдон**, **сиёҳдон**, **ранг** ва **пар**ро бо хати зебо нависед.

## Мавзӯи 20. Ҷашни Меҳргон

Меҳргон яке аз қадимтарин идҳо буда, миёни мардуми ӯзбеку тоҷик ва дигар халқҳо расм шудааст. Он рӯзи баробаршавии шабу рӯзи тирамоҳӣ буда, ба 22-юми октябр рост меояд.

Деҳқонон ба пешвози Меҳргон ҳашар мегузаронидаанд, сару либоси нав мепӯ-

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



шидаанд, сайру базмҳо меоростаанд. Меҳргонро аҷдодонамон бо тантана ҷашн мегирифтаанд. Онҳо дар рӯзҳои Меҳргон ҳамеша ба ҳамдигар меҳрубонӣ намуда, ба корҳои якдигар ёрӣ мерасонидаанд. Аз ҳоли ҳамдигар хабар гирифта, ғамхориҳо мекардаанд.

Дар замони мо бошад, ба ҷойи Меҳргон Иди ҳосил пайдо шуд. Меҳнаткашон ҳар сол баъди ҷамъоварии зироат Иди ҳосил мегузаронанд, ки он қисме аз унсурҳои қадимии ҷашни Меҳргонро дар бар мегирад. Рӯзҳои ҷашн дар шаҳру деҳот бозиҳои варзишӣ – бузкашӣ, гӯштингирӣ, камонварӣ ва ғайраҳо барпо мегарданд.

*(Аз «Энсиклопедияи адабиёт ва санъат»)*

Матнро хонед ва сухани дар бораи кадом ҷашн баёнгардидаро ёдрас кунед.

Дар бораи ҷашни Меҳргон маълумоти медонистаатонро бозгӯй кунед.

Аз рӯйи расм мисли ҷумлаҳои зерин ду-се ҷумла тартиб диҳед.

1. Ба истиқболи Меҳргон «Иди харбуза», «Иди асал», «Иди каду», «Иди ангур» ва ҷашну оинҳои дигар баргузор мешаванд. Идҳои харбуза, асал, каду ва дигар дастовардҳои деҳқонон барои мардум шодию сурур мебахшанд. 2. Деҳқонон, кишоварзон,

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



чорводорон, боғдорон, пахтакорон, асалпарварон, ҳунармандон ва тамоми мардум ба ҷашнгоҳҳо ва боғҳои истироҳат баромада, шодмонӣ мекунанд.



Аз рӯйи расм номи меваю сабзавотро дар алоҳидагӣ бо хати зебо нависед.

## Мавзӯи 21. Иди Наврӯз

Субҳи дилафрӯз
Хушхабар омад.
Наврӯзи фирӯз
Гулбасар омад.
Ғул – ғули бисёр
Андар фазо шуд.
Домани кӯҳсор,
Пур аз наво шуд.

Дар таку дар дав,
Хурду калон шуд,
Пур аз суманак,
Болои хон шуд.
Дар иди Наврӯз,
Зебад зиёфат.
Бар хонаи мо,
Меҳмон хуш омад.

*Шарифи Муҳаммадёр*

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Шеърро бурро ва равон хонед.

1. Наврӯз чӣ гуна ид аст?
2. Дар иди Наврӯз одамон чӣ кор мекунанд?

Дар катакчаҳои холӣ ҳарфҳои мувофиқро гузошта, ҷумлаи **«Наврӯз оғози рӯзи нав аст»**-ро тартиб диҳед.

## ҲАРФҶАДВАЛ




Хонед ва бо хати зебо нависед.

Бӯйи баҳор бойчечак,
Муждаи кор бойчечак.

Шеъри «Иди Наврӯз»-ро аз ёд кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 22. Айёми таътилу фароғат

Тобистон рӯзҳои гарму дароз дорад. Кас ҳам ба китобхонӣ, ҳам ба бозӣ ва ҳам ба ёрӣ додан ба волидони худ вақту фурсат меёбад.

Айёми тобистон айёми саёҳат низ мебошад. Шогирдони мактабҳо гурӯҳ-гурӯҳ, ба боғоту кӯҳсор ва ба шаҳрҳои қадимии Самарқанду Бухоро, Хоразму Тошканд, Шаҳрисабзу Қӯқанд сайру саёҳат мекунанд. Онҳо дар ин сайру сафарҳо табиати кишвар, олами растаниву ҳайвонот ва таърихи шаҳру ноҳияи худро меомӯзанд.

Мардуми мо беҳуда нагуфтаанд: «Истироҳат бо ғайрату меҳнат хуб аст».

*Ҳазрат Сабоҳӣ*

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Бо тартиб додани ду-се ҷумла фикратонро аз рӯйи расм баён намоед.



Номи таътилҳои хонишро хушхат нависед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 23. Бозиҳои шавқовари дидактикӣ

## Номгузорӣ мекунем!

| | | | |
|---|---|---|---|
| тил-ло | Тилло | а-нор | Анора |
| си-то-ра | Ситора | ҳи-лол | Ҳилола |
| шаб-нам | Шабнам | нав-рӯз | Наврӯз |

Аз номи предметҳо номи одамонро пайдо кунед.

## Номҳои дигар месозем!

| | |
|---|---|
| Хуршед – Хуршеда | Умед – Умеда |
| Дилшод – Дилшода | Нодир – Нодира |
| Азиз – Азиза | Фируз – Фируза |

Мисли номҳои пешниҳодшуда, якчанд калимаҳои номи духтарону писаронро нависед.

## Аз ҳарфҳои пошхӯрда калима тартиб медиҳем




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Тезгӯякҳоро такрор мекунем

1. Аз як дара себ омад, аз як дара сел.
2. Дар як ҳавлӣ ду тутча,
   Ин тутча читу тутча!

## Мавзӯи 24. Такрор ва мустаҳкамкунӣ

### ТЕСТ

1. Шумораву миқдори овоз ва ҳарфҳои калимаи **«дарё»**-ро муайян кунед.
   а) 4 ҳарфу 4 овоз;
   б) 5 овозу 4 ҳарф;
   в) 3 овозу 4 ҳарф.

2. Аз калимаи **«занбӯр»** кадом ҳарф гирифта шавад, номи асбоби дуредгарӣ пайдо мешавад?
   а) ҳарфи **б**; б) ҳарфи **р**; в) ҳарфи **з.**

3. Дар калимаи **«дил»** ба ҷойи ҳарфи **«д»** кадом ҳарфро гузорем номи ҳайвони азимҷусса ҳосил мешавад?
   а) ҳарфи **п**; б) ҳарфи **ф**; в) ҳарфи **ч.**

## Мавзӯъи 25. Кори назоратӣ ва таҳлили он

### Нон

Нон неъмати бебаҳост. Он аз орд тайёр карда мешавад.

Зиндагии мо бо нон хуш аст. Нону нонрезаро аз рӯйи эҳтиёҷ истеъмол кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 26. Фаслҳои пуршукӯҳи сол

Як сол аз чор фасл иборат аст. Баҳор, тобистон, тирамоҳ ва зимистон фаслҳои сол ба шумор меравaнд.

Баҳор фасли зеботарини сол мебошад. Гули аввалини ин фасл бойчечак аст, ки онро муждаи баҳор меноманд. Дар фасли баҳор борон бисёр меборад, аммо ин борони фораму дилкаш аст. Деҳқонон ба корҳои саҳроӣ шурӯъ мекунанд. Дар ин фасл ҷашни Наврӯз баргузор мегардад.

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Хониши матн бо гурӯҳи **«Парасту».**




Аз рӯйи расм номи фаслҳои солро нависед.

Мо бигуфтем, шумо ҷавоб диҳед.

- Сол аз чанд фасл иборат аст?
- Ҳар як фасл аз чанд моҳ иборат аст?
- Моҳ аз чанд ҳафта ва рӯз иборат аст?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



- Ҳафта аз чанд рӯз иборат аст?
- Сол аз чанд моҳ ва рӯз иборат аст?
- Кадом моҳҳо рӯзҳои зиёд ва кадом моҳҳо рӯзҳои камтар доранд?
- Оё моҳҳоро номбар карда метавонед?

Ҷумлаҳои зеринро бо хати зебо нависед.

1. Насими форам ба ҳар маҳалла мужда мерасонад.
2. Навои карнаю сурнай халқро ба ид даъват мекунад.

## Мавзӯи 27. Баҳор



Обу ҳаво гарм шуд,
Хок наму нарм шуд.
Барф чӣ хел об шуд?!
– Ғун шуду селоб шуд.

Пур ҳама анҳор шуд,
Ҷӯ ҳама саршор шуд.
Кӯҳу даман сабз шуд,
Боғу чаман сабз шуд.

Сабза гилафрӯз шуд,
Лола дилафрӯз шуд.
Деҳа гулобод шуд,
Хурду калон шод шуд.

*Ҷӯра Ҳошимӣ*

Шеърро бурро ва равон хонед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Аз таркиби шеър калимаҳои бо як ҳарфу овоз ва маъно фарққунандаро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

Кӣ зуд мехонад ва менависад?

## Ребусҳо




Порчаи шеъриро бо хати зебо нависед.

Деҳа гулобод шуд,
Хурду калон шод шуд.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 28. Ҳадягулҳои фасли баҳор

## Лола

Лола – гули зебо ва дӯстдоштаи мардуми дунё аст. Дар баҳор мешукуфад, рангаш сурх, зард, сафед, ҳатто сиёҳ низ мешавад. Гулбаргҳояш калон ва одатан шаштоянд.

Гули лола рамзи зебоӣ ва покию вафодорӣ миёни одамон мебошад. Одамон дар ҷашну маросим ба ҳамдигар гули лола тӯҳфа мекунанд.

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Аз рақаму барг калима месозем.

100 +  ________. 3 +  + а ________.

Аз рӯйи расм ва шеър номи гулҳоро муайян намоед ва ба дафтар бо хати зебо нависед.

## Гулҳои ҳамном

Гулҳои ҳамном,
Гулҳои зебо.
Бошад дутоӣ
Дар ҳавлии мо.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Савсан дутояст,
Раъно дутояст.
Сумбул дутояст,
Наъно дутояст.

Ҳамноми гулҳо
Хоҳараконам,
Гулҳои зебо
Хоҳараконам.

*Маҳмадалишоҳи Ҳайдаршоҳ*

## Мавзӯи 29. Тобистон

Субҳи босафо,
Аз паси пода.
Равам ба саҳро,
Пои пиёда.

Аз бӯйи кумод,
Зираю шибоғ.
Дил мешавад шод,
Муаттар димоғ.

Баъаси барра,
Нағмаи ҷӯбор.
Ояд аз дара
Мисли мусиқор...

Чаҳор сӯ гулзор,
Боғу бӯстон аст.
Номи ин диёр
Тоҷикистон аст.

*Бобо Ҳоҷӣ*

Шеърро бурровy равон хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Калимаҳои нофаҳморо ба дафтар рӯбардор кунед. Пас аз он бо кӯмаки омӯзгор маъноашро шарҳ диҳед.

Ҷумлаҳои зеринро бо хати зебо нависед.

1. Нон неъмати бебаҳост.
2. Зиндагии мо бо истеъмоли нон хуш аст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Мавзӯи 30. Дар мавсими тобистон



– **Мӯрча**, эй мӯрча,
Майдаяки зӯрча,
Аз саҳар зери борӣ?
Чиҳо бо худ меорӣ?



– Аз пая як-ду дона
Дона барам ба хона.
Дар мавсими тобистон
Хӯрам ғами зимистон,



– **Оруяк**, эй оруяк,
Хушболу хубрӯяк,
Сафар аз саҳар дорӣ?
Кучо ту сафар дорӣ?

– Равам чониби саҳро,
Оварам шаҳди гулҳо.
Дар мавсими тобистон
Хӯрам ғами зимистон.



**Санҷобак**, эй санҷобак,
Санҷобаки бехобак,
Ин қадар мешитобӣ?
Аз саҳар чӣ мекобӣ?

– Аз шоха як-ду дона
Мағз барам ба хона.
Дар мавсими тобистон
Хӯрам ғами зимистон.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Шеърро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Аз таркиби шеър калимаҳои ифодакунандаи номи ҳашароту ҳайвонҳоро муайян намуда, дар алоҳидагӣ ба дафтар нависед.

Порчаи шеъриро бо хати зебо нависед.

Дар мавсими тобистон,
Хӯрам ғами зимистон.

## Мавзӯи 31. Давоми мавзӯъ

– **Калламуш**, эй калламуш,
Калламушаки баҳуш,
Чаро замин мекобӣ?
Аз замин чӣ меёбӣ?



– Хона бино мекунам,
Донаро ҷо мекунам.
Дар мавсими тобистон
Хӯрам ғами зимистон.



– **Харгӯшак**, эй харгӯшак,
Харгӯшаки хомӯшак,
Ту ҳам машғули корӣ?
Ҳамроҳи худ чӣ дорӣ?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



– Сабзӣ дораму карам,
Ба манзилам мебарам.
Дар мавсими тобистон
Хӯрам ғами зимистон.



– **Булбулак**, эй булбулак,
Ошиқи рӯйи гулак,
Чаро ту беқарорӣ?
Даме роҳат надорӣ?...

*Убайд Раҷаб*

Шеърро бо бандҳои алоҳида хонед.

Ҳамсадоҳои бар ивази ҳамдигар омадаро муайян намоед. Маъно ва фарқи калимаҳоро гӯед.

Мӯрча – зӯрча, саҳар – сафар, дона – хона, мағз – нағз, ғам – нам

Бо кӯмаки омӯзгор маънои калимаҳои зеринро шарҳ диҳед.

Мавсим –
Шитоб –
Шаҳд –
Сано –

Порчаи шеъриро бо хати зебо нависед.

Лаб бар сано кушоям,
Таронаҳо сароям.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 32. Тирамоҳ

Дар боғу роғат
Сад рангу сад бӯ,
Сад нозу неъмат
Пухтаст ҳар сӯ.

Зарҳал либосат,
Ҳай-ҳай, чӣ зебо!
Зеботар аз ту
Шуд кишвари мо!

*Муродалӣ Собир*

Шеърро бурро ва равон хонед.

**Асрори калимаҳо.** Ба ҷойи нуқтаҳо яктоӣ ҳарф гузошта, калимаҳо созед ва онҳоро ба дафтар нависед.




Талаффуз ва навишти дурусти калимаҳоро муайян кунед.

Кӯҳ – кух, рӯз – руз, кабӯтар – кабутар, хӯрок – хурок, пӯшок – пушок, дӯхт – духт

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Калимаҳоро хонед ва аз ҷиҳати маъно фарқашонро гӯед.

Гул – гӯл, бӯр – бур, сӯм – сум, хӯш – хуш.

## Мавзӯи 33. Ранги тирамоҳ

Муаллим гуфт:
– Ҳар фасл ранги махсус дорад.
Масалан:
– Ба фикри шумо ранги тирамоҳ чӣ гуна мешавад?
Асо гуфт:
– Ранги тирамоҳ ҷигарист.
Гулноз гуфт:
– Сабз аст.
Диловар гуфт:
– Сурх аст.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Саида гуфт:

– Зард аст…

Ҳамин тавр, бачаҳо номи тамоми рангҳоро ба забон оварданд…

*Азизи Азиз*

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Калимаҳои дилхоҳи бо як ҳарфу овоз аз ҳамдигар фарққунанда нависед.

*Намуна:* Анбӯр – **з**анбӯр.

Бозии **«Калимаёбак»**. Бо ҳарфҳои пешниҳодшуда калимаҳои **нақш** ва **қарор** тартиб диҳед.

| | | |
|---|---|---|
| Р | О | Н |
| А | Р | А |
| Қ | Ш | Қ |

Аз рӯйи расм рангҳои манзараҳои фасли тирамоҳро навиштан.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 34. Меваю сабзавотҳои ҳаётбахш

Номи меваю маҳсулоти полизиро бо тартиби ҳарфҳои алифбо дар алоҳидагӣ нависед.



Номи меваҳоро бо саволгузории **чӣ? чандто? чӣ хел?** нависед.





Матнро хонед ва пас аз он лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

Нок меваи хуштаъму серғизо мебошад. Аз он мураббо, шарбат тайёр карда мешавад. Баъди истеъмоли нок нӯшидани оби хунук, инчунин хӯроки сахт ва гӯшт манъ аст.

Панҷто номи меваҳои дилписанд нависед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 35. Себ



Себ меваи маъмули иштиҳоовар буда, зеби ҳар дастархон аст. Себ сероб, хушхӯр, ширин буда, таркибаш аз витаминҳои В, С бой аст. Себ барои саломатӣ фоидаовар буда, хунро тоза ва зиёд мекунад. Он навъҳои гуногун дорад, ки маъмултарини онҳо хубонӣ, пешпазак, шакарак, турушак, крепсон, антонӣ, аштархонӣ мебошанд. Себро барои тайёр кардани мураббо ва шарбат низ истифода мебаранд. Тухми себ аз йод хеле бой аст.

Матнро хонед, калимаҳои ифодакунандаи навъҳои себро ба дафтар рӯбардор кунед.

Тезгӯякро бо як нафасгирӣ такрор кунед.

Садто сафедор,
Сад себу анор.
Сад садаву бед,
Сию се себи сафед.

Аз ҳарфҳои пошхӯрда номи меваҳои дар сабад намоёнро нависед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE






Бо интихоби номи меваҳо матни хурд тартиб диҳед.

## Мавзӯи 36. Анор



Анор меваест, ки он дар таркиб витаминҳои С ва қандро дорад. Навдаҳои анор борик, хордор, баргҳояш ҷилодор, гулаш сурх мешавад. Шарбати анор барои камхунӣ фоидаовар аст. Меваи анор фишори баландро паст мегардонад. Оби ҷӯшонидашудаи пӯсти анорро барои чайқонидани даҳон ва гулӯ истифода мебаранд, ки он дарди даҳон ва гулӯро табобат мекунад. Истеъмоли шарбати меваи анор ҳангоми шамолкашии гурда, ҷигар, гӯшу чашмҳо, буғумҳо ва узвҳои дохилӣ хело шифобахш аст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Матнро хонед ва пас аз он лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

Номбар кунед ва ба гурӯҳҳо ҷудо карда нависед. Пас аз он саволҳои **чӣ? чиҳо? чандто?** гузошта шакли танҳову ҷамъашонро номбар кунед.



Меваҳо: ....
Сабзавот: ....
Маҳсулоти полизӣ: ....

Тезгӯякро бо як нафасгирӣ такрор кунед.

Ба шаш шохи шафтолу,
Шасту шаш гунҷишк нишаст.

Аз силсилаи расмҳо маҳсулоти полизии тамъашон тундро муайян намуда, бо истифодаи онҳо якчанд ҷумла тартиб диҳед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 37. Дӯлона



Сари кӯҳу лаби ҷар,
Қадди роҳу пушти дар –
Дӯлона марҷон шудаст,
Аҷаб фаровон шудаст.
Сар то ба по зар шудаст,
Ҳамранги ахгар шудаст.

Худ бинигар, дугона,
Буттаяки дӯлона
Ҳоло чиро мемонад?
Ҷониби худ мехонад?!
Ҳусни дара – дӯлона!
Хушманзара – дӯлона!...

*Гулчеҳра Сулаймонӣ*

Шеърро буррову равон хонед ва ба саволҳои зерин ҷавоб диҳед.

1. Дӯлона меваи кадом фасл аст?
2. Дӯлона асосан дар куҷо мерӯяд?
3. Дӯлона чӣ гуна рангу тамъ дорад?
4. Бачаҳо ба чӣ ва бо чӣ гуна мақсад муроҷиат кардаанд?

Аз таркиби шеър панҷто калимаи дилхоҳро интихоб намоед ва бо хати зебо нависед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 38. Савол ба навниҳол

– Эй навниҳол, эй навниҳол,
Дорам ба ту ман як савол:
Бар кӣ ту мегӯӣ салом,
Ҳар бор агар ояд шамол?

– Ман бо ҳазорон эҳтиром,
Бар боғбон гӯям салом.
Зеро ба гирдам гардад ӯ
Аз субҳи содиқ то ба шом.

– Эй навниҳол, эй навниҳол,
Дорам ба ту дигар савол:
Кай мева бар мо медиҳӣ?
Кай мерасӣ ту бар камол?

– Чун кор бо тамкин кунӣ,
Бар ман нигоҳубин кунӣ.
Баъди ду сол аз меваам
Чида даҳан ширин кунӣ.

*Аминҷон Шукӯҳӣ*


Хониши ифоданоки шеър.


Мо бигуфтем, шумо ҷавоб диҳед.

1. Дар шеър бо чӣ муроҷиат карда шудааст?
2. Навниҳол бар саволи «Бар кӣ ту мегӯӣ салом?» чӣ гуна ҷавоб додааст?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



3. Навниҳол бар саволҳои «Кай мева бар мо медиҳӣ?», «Кай мерасӣ ту бар камол?» чӣ гуна ҷавоб додааст?

4. Шумо бо парвариши кадом навъи ниҳол машғул ҳастед?



Бо истифодаи калимаҳои **боғ, боғбон, мева, дарахт** ва **парвариш** ҷумлаҳо тартиб диҳед.



Ҷумлаҳои зеринро бо хати зебо нависед.

1. Об манбаи ҳаёт аст.
2. Об ҳаст, ободонӣ ҳаст.

## Мавзӯи 39. Зист ва паноҳгоҳи ҳайвонот



Барои санҷоб зимистону тобистон як аст. Вай дар ковокии дарахтони бешазор хона сохта мехобад. Зимистон гоҳ-гоҳ аз хонааш баромада, аз шохае ба шохае ҷастухез ва барфбозӣ мекунад.





Хирси Каҷпо тобистон ва тирамоҳ хуб хӯрок хӯрда, сер мешавад. Зимистон дар ғорҳо ва чуқуриҳо хона сохта мехобад. Хонаашро барф пахш кунад ҳам, хунук намехӯрад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





Оҳу ба лаби чашмаҳои гарм фуромада, аз шибарҳои лаби чашма хӯрокашро ёфта мехӯрад. Вай дар зимистон барои худ хона намесозад, дар камари кӯҳ, дар ковокии зери санг хоб мекунад.

Харгӯш дар зимистон ҷомаашро дигар мекунад. Вай ҳайвони тарсончак аст. Харгӯш тез давида наметавонад, онро дар ҷойҳои сербарф дошта гирифтан осон аст.



Рӯбоҳ барои худ хона месозад. Дар хонааш барои зимистон аз хазон ва хасу хошоки мулоим ҷойхоб тайёр мекунад. Рӯбоҳ хонаи худро доим дигар карда меистад.



Зимистон ҳоли гурги бехона бад мешавад. Вай шабҳои хунук ва дарози зимистон дар кӯҳу дашт хӯрок ҷуста, уллос мекашад.

Матнро ба қисмҳои алоҳида ҷудо карда хонед.

Номи ҳайвонҳои дар расм тасвиргардидаро нависед.

Мо гуфтем, шумо ҷавоб диҳед.

1. Дар фасли зимистон ҳайвонот чӣ тавр зиндагонӣ менамудаанд?

2. Ҳайвони тарсончаку чобук чӣ ном дорад?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Хониши матн ва тамошои мултфилм аз оинаи нилгун.

## Мавзӯи 40. Ҳайвоноти хонагӣ ва ваҳшӣ

Аз рӯйи расм номи ҳайвонҳоро нависед.



Ҳайвонҳои ваҳшӣ: хирс, ...
Ҳайвонҳои хонагӣ: саг, ...

Кӣ тез гуфта метавонад?



Ёли аспам лойолуд.

Бо назардошти расм номи ҳайвонотро аз ҳарфҷадвал хонед ва гӯед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## ҲАРФЧАДВАЛ







| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | а | | | | | |
| | а | | | ӯ | | |
| | у | | ғ | | л | |
| | у | | | а | | |
| | ӯ | | | ҳ | | |

Бо корбасти калимаҳои зерин ҳикояи хурдакак тартиб диҳед.

Одамон, ҳайвонҳои ваҳшӣ, хирс, фоида, рӯбоҳ, зоғ, тоза, табиат, ҳайвонҳои хонагӣ, гов, гӯсфанд, мурғ, тухм, нигоҳубин, моҳӣ, баҳр.

## Мавзӯи 41. Мурғи марҷон

Чанд рӯз гузашт. Як пагоҳӣ аз зери пару боли Мурғи марҷон ду чӯҷаи Кабк, се чӯҷаи Мурғобӣ, чор чӯҷаи Ғоз ва панҷ чӯҷаи худаш баромаданд.

Мурғи марҷон хурсанд шуд. Хурсанд шуда, пару бол афшонд.



Мурғи марҷон ба Кабку Мурғобию Ғоз гуфт:

– Марҳамат. Чӯҷаҳоятонро гирифта баред...

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





Аммо ягон чӯҷа аз паси Кабку Мурғобӣ нарафт. Ягон чӯҷа ба Ғоз эътибор ҳам надод. Балки чӯҷаҳо аз онҳо тарсида, зери пару боли Мурғи марҷон пинҳон шуданд.

Баъд чӯҷаҳо аз зери пари Мурғи марҷон сар бароварда, баробар гуфтанд:

– Очаи мо ҳамонест, ки моро аз тухм баровардааст.



Кабку Мурғобию Ғоз ноумед шуда рафтанд. Охир ба чунин хулоса омаданд, ки аз нав тухм гузошта, худашон чӯҷа бароранд ва соҳиби чӯҷа шаванд…

*(Аз «Мурғи марҷон»-и Искандари Ислом)*

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои ба саволҳо ҷавобшаванда нависед.

*чанд?*

1. Аз зери пару боли Мурғи марҷон ..... чӯҷаи Кабк,

*чанд?* *чанд?* *чанд?*

..... чӯҷаи Мурғобӣ, чӯҷаи ...... Ғоз ва .... чӯҷаи худаш баромаданд?

*чӣ кор кард?*

2. Мурғи марҷон ......
3. Мурғи марҷон ба Кабку Мурғобию Ғоз чӣ гуфт?

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



*чиҳо?*

4\. ....... зери пару боли Мурғи марҷон пинҳон шуданд?

Ҷумлаи зеринро бо хати зебо нависед. Сабаби бо ҳарфи калон навишта шудани номҳои паррандагонро гӯед.

1. Ягон чӯҷа аз паси Кабку Мурғобӣ нарафт.
2. Ягон чӯҷа ба Ғоз эътибор ҳам надод.
3. Кабку Мурғобию Ғоз ноумед шуда рафтанд.

## Мавзӯи 42. Суруди кабки дарӣ

Рӯзи истироҳат Ҳофиз дертар аз хоб хест. Ба рӯйи ҳавлӣ баромада буд, ки ба гӯшаш овози форами кабкҳои дарӣ расид.

«Дар куҷо бошанд-а» – гӯён ба атроф бодиққат назар кард. Нохост чашмаш ба сангҳои калон-калони сари тал (теппа) афтод. Дид, ки дар зери онҳо 5–6 кабк барои худ хӯрданӣ меҷӯянд.

Ҳофиз ҷав гирифта ба болои тал баромад. Ӯ донро дар ҷойҳои хушкӣ пошида баргашт. Вақте ки ба ақиб нигоҳ кард, дид, ки паррандагон аз нав ҷамъ шуда истодаанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ҳамин тариқ, ӯ ҳар рӯз ба паррандагон дон медод. Кабкҳо торафт бисёртар мешуданд ва ҳар рӯз барф ҳам бисёртар меборид.

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Моҳӣ ба шумо чӣ гуфтан мехоҳад?




Аз рӯйи расм ном ва рангҳояшонро нависед. Пас аз он саволҳои мувофиқ гузоред.




*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯъҳои 43–44. Беҳтарин ҷойи дунё



Меҳрафзун ҳайрон шуд. «Ватан чӣ бошад?» – фикр кард ӯ. Дар рӯйи ҳавлӣ сагчааш Ҳушёр давутоз мекард. Меҳрафзун назди сагчааш омаду пурсид:

– Ту аз куҷо омадаӣ, Ҳушёр? Ватани ту куҷост?

Ҳушёр ҷавоб дод:

– Бобоҷонам дар саҳро,
Дастиёри чӯпон буд.
Падарҷонам дар ин ҷо
Як саги хонабон буд.
Пас, Ватани ман ин ҷост.

– Аҷиб, – андеша кард Меҳрафзун ва чашмаш ба Мӯрчае афтид, ки як донаи гандумро кашида мебурд. Наздаш рафту пурсид:

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





– Бигӯ, Мӯрчаяк, ту аз куҷо омадаӣ? Ватани ту куҷост?

Мӯрча донаашро ба замин гузошту нафас рост кард ва ҷавоб дод:

– Бобои ман замоне
Дар ҳамин ҷо макон дошт.
Зиндагии шоҳона
Аз ҳамин обу дон дошт.
Пас, Ватани ман ин ҷост,
Беҳтарин ҷойи дунёст ...



Матнро ба қисмҳои алоҳида ҷудо карда хонед ва пас аз он мазмунашро нақл кунед.



Вобаста ба мазмуни матн саволҳо тартиб диҳед. Пас аз он мусобиқаи тарафайни ҳозирҷавобиро гузаронед.



Порчаи шеърии зеринро бо хати зебо нависед.

Пас, Ватани ман ин ҷост,
Беҳтарин ҷойи дунёст.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 45. Давоми мавзӯъ

... Меҳрафзун ба назди дарахти Тути пир рафт.

– Эй Тути солдида, мегӯянд, ки ту бисёр чизҳоро медонӣ. Бигӯ, Ватан чист ва дар куҷост?

Тути пир гуфт:

– Ман аз ҳамин обу гил
Рӯйидам аз тахти дил.
Ҳосил бубастам ин ҷо,
Сарсабз ҳастам ин ҷо.
Пас, Ватани ман ин ҷост,
Беҳтарин ҷойи дунёст.

– Меҳрафзун назди падараш рафт.

– Падарҷон, – гуфт ӯ, – бигӯед, шумо аз куҷо омадаед? Ватани шумо куҷост?



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ман аз ҳамин кӯҳистон,
Кӯҳистони дилситон.
Зодаи ин диёрам,
З-ин ифтихор дорам.
Пас, Ватани ман ин ҷост,
Беҳтарин ҷойи дунёст.

*(Аз «Беҳтарин ҷойи дунё»)*

Матнро ба қисмҳои алоҳида ҷудо карда хонед ва пас аз он мазмунашро нақл кунед.

Вобаста ба мазмуни матн саволҳо тартиб диҳед. Пас аз он мусобиқаи тарафайни ҳозирҷавобиро гузаронед.

Ҷумлаҳои дилхоҳ тартиб диҳед.

## Мавзӯи 46. Баҳс

Дар рӯйи олам
Хӯрданӣ бисёр.
Кадомаш ширин?
Ба ту чӣ даркор?

Ба мурғ – дона
Ба саг – устухон.
Ба барра – алаф.
Ба гурба – мушҷон.

Ба мурғобича –
Кирми лаби ҷӯ.
Моҳӣ – ба наҳанг
Ин бегуфтугӯ.

Бо шӯру ғавғо
Гӯяд Каломуш:
– Аз ҳама ширин!
Дар дунё қалӯш.

*Анвар Обидҷон*

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Шеърро бурро ва равон хонед.

Номи ҳайвоноту ҷонваронро дар алоҳидагӣ нависед ва ғизоҳои дӯстдоштаашонро номбар кунед.

Ба расм сарлавҳа интхоб кунед. Пас аз он фикратонро бо тартиб додани ҷумлаҳо баён намоед.



Хирс то фарорасии фасли баҳор ба хоб меравад. Он то бедоршавӣ ғизое истеъмол намекунад. Аз ҷойи хоб ба берун намебарояд.

Ҷиҳатҳои фарққунандаи паррандаҳоро номбар кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



| | | |
|---|---|---|
|  |  |  |
| Кабӯтар | Қумрӣ | Мусича |
|  |  |  |
| Гунҷишк | Тӯтӣ | Уқоб |



Барои кашидани расми яке аз паррандаҳо ҳаракат кунед.

## Мавзӯи 47. Такрор ва мустаҳкамкунӣ



**ТЕСТ**

1. Як сол аз чанд фасл иборат?
а) аз як фасл
б) аз се фасл
в) аз чаҳор фасл

2. Солшумории мелодӣ аз кадом моҳ оғоз меёбад?
а) аз моҳи март
б) аз моҳи январ
в) аз моҳи сентябр

3. Ҷашни Наврӯз дар кадом моҳ баргузор мегардад?
а) дар моҳи март
б) дар моҳи ноябр
в) дар моҳи декабр

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



4. Дар кадом фасли сол боришот бисёр мешавад?

а) дар фасли  з...н

б) дар фасли  б...р

в) дар фасли  т...ҳ

5. Дар кадом фасли сол ҳаво бениҳоят хунук мешавад?

а) дар фасли баҳор
б) дар фасли зимистон
в) дар фасли тирамоҳ

6. Калимаҳои , ,  ва  дар якҷоягӣ номи чиро ифода мекунанд?

а) номи меваҳоро
б) номи сабзавотро
в) номи маҳсулоти полизиро

7. **Б...й**  ва **а...р**  меваҳои кадом фасли сол ҳастанд?

а) фасли баҳор
б) фасли зимистон
в) фасли тирамоҳ

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



8. Дар кадом қатор номи паррандаҳо навишта шудааст?

а) кабк, тӯтӣ, қумрӣ

б) буз, бузғола

в) мӯрча, малах

9. Кадоме аз ҳайвонҳои дарранда асалро дӯст медорад?

а) х...с 

б) м...а 

в) з...р 

10. Паррандаи хурдҷуссаи хушхон чӣ ном дорад?

а) к...к 

б) т...ӣ 

в) б...л 

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯъҳои 48–49. Кори назоратӣ ва таҳлили он

## Товус

Товус паррандаи зеботарини рӯйи замин аст. Парҳои рангоранги товус дили касро мафтун менамоянд. Аз замонҳои қадим товусро барои зебу зинати боғу бӯстонҳо истифода мекарданд.



## Занбӯри асал

Занбӯрҳои асал ба тарзи оилавӣ зиндагӣ мекунанд. Занбӯрҳои заҳматкаш шаҳдҳои аз гулу растаниҳо ҷамъ кардаашонро ба хона меоранд. Занбӯрҳои асалтайёркун шаҳдро дар натиҷаи аз нав коркунӣ ба асал табдил медиҳанд.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 50. Хондан тавонӣ, хуб аст!



Хондан тавонӣ, хуб аст!
Гар худ бихонӣ, хуб аст!
Аз додарат напурсӣ,
Аз хоҳарат напурсӣ.
Ё нагӯйӣ «Модарҷон,
Боз андаки дигар хон!...»
Диққи нафас нашинӣ
Мӯҳтоҷи кас нашинӣ,
Зори касе нагардӣ,
Бори касе нагардӣ.
Бунёди илму дониш
Омӯзиш асту хониш.
Аз сад шуниданат, эҳ,
Як бор хонданат беҳ!
Хондан тавонӣ, хуб аст!
Гар худ бихонӣ, хуб аст!

*Ҷӯра Ҳошимӣ*



 Шеърро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Мо гуфтем, шумо ҷавоб диҳед.

1. Дар матни шеър чӣ гуна панд акс ёфтааст?
2. Донишмандӣ дар натиҷаи чӣ ба амал меояд?
3. Асоси бунёди илму дониш бо истифодаи кадом калимаҳо баён гардидааст?

Ҳарфу овозҳои фарққунандро муайян намоед.

Хуб – худ, хон – дон,
зор – бор, дониш – хониш

Ҳарфу овозҳои **ӣ** -ро дуруст талаффуз кунед.

Тавонӣ, бихонӣ, напурсӣ, нагӯйӣ, нашинӣ, нагардӣ

Ҳарфи **ӣ** дар охири калимаҳо бо ҳамин тарз навишта мешавад. Он мисли дигар ҳарфҳо шакли калон надорад.

Порчаи шеърро бо хати зебо нависед.

Бунёди илму дониш,
Омӯзиш асту хониш.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 51. Китоб мехонем!

Мешавем ошно,
Салом, китоб!
Маслиҳатчии мо ту дар ҳар боб.

Дар ҷаҳон бошад он чӣ илму ҳунар,
Ҳамаашро гирифтаӣ дар бар.

Мо туро субҳу шом мехонем,
То ки ҳар илму ҳар ҳунар донем.

Баъд аз ин, мисли ҷӯраи ҷонӣ,
Ҳеҷ аз мо ҷудо намемонӣ!

*Абдусалом Деҳотӣ*

Шеърро бурро ва равон хонед. Пас аз он лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

Калимаҳои ба саволи **чӣ? кӣ? чӣ хел?** ҷавобшавандаро дар алоҳидагӣ нависед.

Китоб, китобхона, китобдӯст, китобдор, китоби шавқовар, китоби пурмазмун, китоби нав, китоби кӯҳна, китоби ғафс, китоби тунук, китоби хурдакак, китоби калон, китобча.

Бозии **«Калимаёбак»**.

Миёни «а» ва «р» се ҳарфи дигар
Бимонӣ, мехӯрӣ ду меваи тар.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Мавзӯи 52. Маърифатомӯзи мо

Хоҳӣ, ки доно шавӣ,
Зӯру тавоно шавӣ,
Аз таҳи дил хон китоб,
Ҳикмати ӯ беҳисоб.
Он ки китобе нахонд,
Дур зи дониш бимонд.
Чун нафаси навбаҳор
Тоза нигоҳаш бидор.
Сатри варо хат мазан,
Як варақ аз ӯ накан.
Ӯ чу муаллим ба мо,
Ҳар суханаш раҳнамо.
Минбари хониш – китоб,
Раҳбари дониш – китоб.
Ҳамдами дилсӯзи мост,
Маърифатомӯзи мост.

*Алӣ Бобоҷон*

Шеърро хонед ва мазмунашро нақл кунед. Пас аз он лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

Порчаи шеъриро аз ҷиҳати маъно шарҳ диҳед.

Минбари хониш – китоб,
Раҳбари дониш – китоб.

Аз силсилаи мисолҳо дутоашро интихоб намуда, ҷумла тартиб диҳед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



| | | |
|---|---|---|
| К И Т О Б | сарчашма | |
| | хазина | |
| | ганҷ | |
| | манбаъ | |
| | дӯст | |



Хонед ва маънидод кунед.

1. Такрор – модари дониш.
2. Як бор хондан – беҳ аз сад бор шунидан.



Номи ашёҳои хонишатонро нависед.

## Мавзӯи 53. Одоби либоспӯшӣ

Бидон, ки рангҳои либос гуногунанд ва ҳар ранг маъное дорад.

Агар пурсанд, ки **либоси сафед** чӣ маъно дорад? Бигӯй: **Ранги сафед** ранги рӯз аст ва зеби онҳоест, ки дилҳояшон аз тирагиву адоват соф бошад ва чун рӯз ба ҳама равшанӣ бахшад.

Агар пурсанд, ки либоси **сабз** чӣ маъно дорад? Бигӯй: **ранги сабз** ранги об аст ва зеби олиҳимматон ва зиндадилон аст, ки ин рангро бисёр писанданд. Ҳар кӣ ин ранг либос пӯшад, бояд чун об поктинат ва софдил бошад.

Агар пурсанд, ки **либоси сиёҳ** чӣ маънӣ дорад? Бигӯй: **ранги сиёҳ** ранги шаб аст ва ранги мардумаки дида (гавҳараки чашм)

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



ва либоси мардумест, ки дилашон хазинаи асрор бошад ва ҳоли худро аз ҳама махфӣ доранд.

Агар пурсанд, ки **либоси кабуд** чӣ маънӣ дорад? Бигӯй: **Ранги кабуд** ранги осмон аст, касеро зебад, ки дар ҳоли худ тараққӣ карда бошад. Ҳар кӣ ин ранг либос пӯшад, бояд, ки чун осмон олиқадр ва баландҳиммат бошад.

*Унсурулмаолии Кайковус*

Матнро хонед ва пас аз он лаҳзаи саволу ҷавоб ташкил кунед.

Аз кадом ҷиҳат фарқ доштани мисолҳои зеринро гӯед. Пас аз он саволҳои мувофиқи **кӣ? чӣ хел?** гузоред.

Либоси сафед – ранги сафед, либоси сабз – ранги сабз, либоси сиёҳ – ранги сиёҳ, либоси кабуд – ранги кабуд.

Ном ва рангҳои сару либосатонро нависед.

## Мавзӯи 54. Бачаи боодоб

Бачаи боодоб вақти ба мактаб рафтан ва омадан бисёр боодоб роҳ меравад. Ба дари хонаҳои мардум ва ба дӯконҳо ва тирезаҳояшон нигоҳ карда намеистад.

Дар роҳ худашро ба ҳар чиз машғул намекунад. Ба ҳар кас ки вохӯрад, салом ме-

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE





диҳад. Одамони пирро масхара намедорад. Онҳоро бисёртар иззат мекунад.

Ҳар бача, ки тарбиядида бошад, бисёр боодоб мешавад. Хӯроку пӯшокашро покиза нигоҳ медорад. Аз таом хӯрдан пеш ва пас дасташро мешӯяд.

*Садриддин Айнӣ*

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Калимаҳои зидмаъно тартиб диҳед.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| бо + | | | бо + | | |
| ба + | одоб | | ба + | ақл | |
| бе + | | | бе + | | |

Бо истифодаи калимаҳои **боодоб** ва **боақл** ҷумлаҳо тартиб диҳед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



## Мавзӯи 55. Бачаи беодоб



– Ту аз чӣ ғамгинӣ?
– Ман гуруснаам.
– Ту аз чӣ хурсандӣ?
Магаси хурсанд гуфт:
– Ман дар хона писаракеро дидам, ки мураббо мехӯрд. Ба назарам, писараки нағз намуд. Бахил не. Магасро киш намегӯяд. Мураббоbooро мерезонад. Пиёларо намешӯяд. Мехоҳам, ки ҳамаи магасҳоро хабардор кунаму онҳо ҳам рафта, мураббо хӯранд. Ту ҳам зуд он ҷо бирав!
Магаси ғамгин хурсанд шуд...

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ба фикри шумо, оқибат чӣ мешавад? Барои чӣ бачаи беодоб гуфта шудааст? Барои бо-одоб шудан он бача бояд чӣ кор кунад?

Ҷумлаҳоро бо хати зебо нависед.

1. Дасту рӯямро мешӯям, наҳорӣ мехӯрам.
2. Ба модарҷонам ташаккур мегӯям.

## Мавзӯи 56. Шоистаи дастёр

Шоиста монанди ҳаррӯза барвақт аз хоб хест. Ҷойгаҳашро ба тартиб оварду зуд берун баромад. Аввал шустушӯй кард. Баъд ҷорӯбро ба даст гирифта, айвонро рӯфт. Болои хонтахтаро пок кард, ба атрофаш кӯрпача андохт.

Модар ба айвон омада ҳайрон шуд:

– Дастархонро кӣ андохт? – пурсид ӯ.

– Ман, – гуфт Шоиста.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Модар аз хурсандӣ Шоистаро ба оғӯш кашиду бӯсид.

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Дар байни гурӯҳҳои **«Хушгуфтор»**, **«Хушрафтор»**, **«Хушзеҳн»** ташкил намудани лаҳзаи «Кӣ бисёртар ва мантиқан дуруст савол тартиб медиҳад?».

Мо гуфтем, шумо ҷавоб диҳед.

1. Шоиста аз хоби саҳар чӣ тавр мехест?
2. Баъд аз хоби саҳар хестан чӣ кор мекард?
3. Шоистаро барои чӣ дастёр меномиданд?
4. Бачаҳо ба чӣ ва бо чӣ гуна мақсад муроҷиат кардаанд?

Бо хати зебо нависед.

Қудрати илмро завол нест.

## Мавзӯи 57. Инкишофи нутқ ва маҳорат

Шеърро хонед ва фикратонро баён кунед.

Саҳархезӣ кори хуб,
Азиз шавию маҳбуб.
Дил аз фараҳ пур шавад,
Ғаму алам дур шавад.
Саҳархезӣ шуд одат,
Сина пок аз надомат.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Пурфайз шавад хонадон,
Дастархон ҳам фаровон.
Субҳи умед, саҳархез,
Роҳат сафед, саҳархез!

*Дилороми Бобоёр*

Сарлавҳа интихоб кунед. Пас аз он матнҳои ҳаҷман хурд тартиб диҳед.



Бо хати зебо нависед.

Дониш чароғи ақл аст.

## Мавзӯи 58. Иттифоқӣ

Азизонам, ҷигаргӯшаҳоям, хезед, офтобаки нозанин ҳавлии моро бо нурҳои дурахшонаш пур кардааст. Хезед, ки аз тақсимоти ризқу рӯзиятон бебаҳра намонед. Касе барвақт мехезад, ризқаш зиёда мегардад.

Салимҷон, Каримҷон, Лолабону, Фарзона ва падарашон чашмҳоро молида аз хонаҳои хоб бароманд. Баъди дасту рӯй шустан, яке давид сӯи катаки мурғ, 6 дона тухм ёфта

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



овард, дигаре давида барои ёрии модар гӯсоларо дошта истод, ки ӯ гов дӯшад, сеюмӣ ба рӯфтани ҳавлӣ оғозид ва Фарзона чой монда болои суфа зери сояи ангур дастархон кушод. Падар бошад ба гову молҳо беда дод.

Ҳама барои ношто кардан сари дастархон ҷамъ омаданд.

Лолабону аз модар пурсид:

– Модарҷон, тақсимоти ризқу рӯзӣ кай мешавад?

Модар табассуме карда гуфт:

– Аллакай сар шуд ва ҳамаи шумо бенаво намондед...

*(Аз «Дунёи бачаҳо»-и Гулчеҳра Муҳаммадиева)*

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Ба расм сарлавҳа интихоб кунед ва матн тартиб диҳед.



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Аз таркиби матн номи фарзандони падару модарро дарёфт намуда, ба дафтар бо хати зебо нависед.

## Мавзӯи 59. Як саломy се ҷавоб

Ман ба хона расида, себро ба модарам додам.

– Ин себи хушрӯйи хубонӣ аз куҷост, писарам? – пурсид модарам.

Ман воқеаро нақл кардам. Модарам хурсанд шуда гуфт:

– Ту ба амаки кулаҳпӯш як чиз дода, се чиз гирифтаӣ! Офарин!

Ман ҳайрон шудам:

– Ман чизе надодам. Фақат як дона себ гирифтам?

Модарам гуфт:

– Ту салом додӣ, писарам. Амаки кулаҳпӯш аввал ҷавоби салом дод. Дуюм, раҳмат гуфт. Сеюм, як себи хубонӣ тӯҳфа кард!



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ман аз ин сухани модарам дучанд шод шудам. Акнун ҳамеша ва ба ҳама салом мегӯям!

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Мо гуфтем, шумо ҷавоб диҳед.

1. Бачаи боодоб дар роҳ бо кӣ вохӯрд?
2. Амаки кулаҳпӯш дар даст чӣ гуна халта дошт?
3. Амаки кулаҳпӯш пас аз ҳарфҳои ситоишӣ ба бачаи боодоб чӣ гуфт?
4. Амаки кулаҳпӯш ба бачаи боодоб кадом меваро тӯҳфа кард?
5. Бачаи боодоб дар вақти ба хона омадан себро ба кӣ нишон дод?
6. Модар аз фарзанди боодобаш чиро пурсид?
7. Фарзанди аз суханҳои модар хурсанд гардида, чӣ карданӣ шуд?

Калимаҳои ба савол ҷавобшаванда нависед.

1. Шаб торик мешавад.
Рӯз **(чӣ хел?)** мешавад? ______________
2. Шакар ширин мешавад.
Дору **(чӣ хел?)** мешавад? ____________
3. Оби чашма соф (мусаффо, зулол, шаффоф) мешавад.
Оби ҷӯй **(чӣ хел?)** мешавад. ____________

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



**Калимаҳо барои истифода:** равшан, талх, лойолуд.


Доир ба мавзӯъ ҷумлаҳои дилхоҳ нависед.

## Мавзӯи 60. Аввал

Дарси сеюм ба охир расид.

– Акнун ба ошхона меравем! – эълон кард муаллим.

Мо саф кашидем, вале ӯ пурсид:

– Дар ошхона аввал чӣ кор мекунем?

– Хӯрок мехӯрем! – ҷавоб дод Далер.

– Дуруст, хӯрок мехӯрем, лекин пеш аз хӯрок хӯрдан чӣ бояд кард? – дубора пурсид муаллим.

– Луқмаро калон намегирем, – ҷавоб дод Лола.

– Дар вақти хӯрдан гап намезанем, – гуфт Ҷасур.

Муаллим саволашро бори сеюм такрор кард:

– Саросема нашавед. Пеш аз нишастан ба сари дастархон чӣ кор кардан лозим аст?

– Даст мешӯем! – якбора хитоб кард Гулнора.

– Офарин! – таҳсин кард муаллим Гулнораро. – Аввал даст мешӯем, бо собун мешӯем!

Мо хурсанд шуда, ҷониби ошхона роҳ гирифтем...

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Аз таркиби матн муайян намудани саволҳои муаллим ва ҷавоби донишомӯзон ба он.

Бо ҷобаҷогузории калимаҳо ба саволҳо ҷавоб гардонед.

*хунук, гарм*
Ҳаво ***(чӣ хел?)*** мешавад?
*сербориш, камбориш*

*беғубор, соф*
Осмон ***(чӣ хел?)*** мешавад?
*абрнок*

*хунук*
Ҳарорати яхдон **(чӣ хел?)** мешавад?

*гарм*
Бухор-печка ***(чӣ хел?)*** мешавад?

Аз модаратон пурсида даҳто калимаҳои ифодакунандаи номи таомҳоро нависед.

## Мавзӯи 61. Одоб омӯхтем

Хушмуомилагӣ яке аз беҳтарин хислатҳои инсон аст. Одами хушмуомиларо ҳама дӯст медоранд.

Хушмуомила буданро пеш аз ҳама, мо дар хона аз падару модар меомӯзем. Баъди

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



он ки мактабхон мешавем, муомилаи некро аз муаллимони меҳрубонамон ёд мегирем. Ман кӯшиш мекунам, ки ҳар як панди накӯи онҳоро ба гӯш гирам ва ҳамеша аз рӯйи гуфтаашон рафтор кунам.

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Ба расм сарлавҳа интихоб намуда, фикратонро баён намоед.



Ҳамсадоҳои бар ивази ҳамдигар омадаро муайян намоед. Маъно ва ҷиҳатҳои фарқкунандаи калимаҳоро гӯед.

Гулча – кулча, рубоб – кабоб, харҷ – карҷ, наво – даво.

Хондани матн ва нақли он.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 62. Эҳтироми падару модар ва калонсолон



Падару модарро иззат кардан, онҳоро бузургу калон донистан, аз гуфтаи онҳо набаромадан, суханашонро рад накардан, ҳамеша дар ҳама кор ризои онҳоро ҷустан ба ҳар кас лозим аст.

Падару модар дар тарбияти мо бисёр машаққатҳо кашиданд ва ба хуни ҷигар парвариш намуда калон карданд. Хӯроку пӯшоки моро онҳо тайёр мекунанд.

Акнун моёнро лозим аст, ки қадри падару модарро донем, онҳоро бисёр иззат кунем, бе иҷозати онҳо коре накунем. Агар ба коре иҷозат надиҳанд, «Ҷавоб диҳед» гуфта зӯр назанем, зеро ки кори нағзу бадро онҳо медонанд. Ба ҳар коре, ки онҳо ҷавоб надиҳанд, албатта зарарнок аст.

*Садриддин Айнӣ*

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Бозии **«Аз ҳиҷо калима созед!»**. Ҳиҷоҳои додашударо дуруст гузоред ва калимаҳо ҳосил кунед.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| СИ | + | МУ | + | ҚӢ | = | Мусиқӣ |
| ЗА | + | БУ | + | ХАР | = | |
| ЛУ | + | ШАФ | + | ТО | = | |
| САР | + | МИН | + | ЗА | = | |
| РАК | + | ХӮ | + | ЛОЙ | = | |

Хонед ва ҷавоби чистонро ёбед.

Пак-пакана қад дорад,
Ҷома чил қабат дорад.



Хониши матн ва нақли он.

## Мавзӯи 63. Дилсӯзӣ

Ҷавонмарде тобистон зери Офтоби сӯзон заминеро каланд мекард. Нисфи рӯз падари пир ҳамроҳи наберааш ба ӯ хӯроки гарм овард. Падар дид, ки писараш зери обу арақ кор мекунад. Ӯ писарашро ба хӯрокхӯрӣ даъват кард:

– Хӯрок овардам, биё! Дар ҳавои сӯзон кор накун. Вале ҷавон сар аз кор намебардошт. Пирамард, ба ҷойи он ки зери сояи дарахт биравад ва то омадани писараш мунтазир шавад, қасдан ба миёнҷойи замин

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



рафта, рӯйи кулӯхҳо нишаст ва набераашро низ дар паҳлӯи худ шинонд. Ҷавонмард, дид, ки нури Офтоб ба сари писараш мезанад, фарёд кард:

– Падар, писарамро ба соя баред! Офтоб назанад!

– Ба писарат дилат месӯзад? – пурсид пирамард. – Дили ман ҳам ба ту месӯзад...

*Абдуҷаббор Қаҳҳорӣ*

Матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Дар байни гурӯҳҳо ташкил намудани лаҳзаи «Кӣ бисёртар ва мантиқан дуруст савол тартиб медиҳад?».

Ҳарфу овозҳои **ҷ** -ро дуруст талаффуз кунед.

Ҷавон, ҷавонмард, ҷой, миёнҷой

Калимаҳои пайдокардаатонро бо хати зебо нависед.

## Мавзӯи 64. Модарам

Аз ҳама нозанин,
Аз ҳама меҳрубон,
Аз ҳама, аз ҳама
Беҳтарин дар ҷаҳон!
Модарам! Модарам!
Соябони сарам!

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Бо ту осон бувад
Ҷумлаи мушкилам.
Бо ту дар зиндагӣ
Хушдилам, хушдилам!
Модарам! Модарам!
Соябони сарам!

Бо ту пайвастаам
Ончунон! Ончунон! —
Сар ба сар, мӯ ба мӯ,
Дил ба дил, ҷон ба ҷон!
Модарам! Модарам!
Соябони сарам!

*Ҷӯра Ҳошимӣ*



Шеърро буррову равон хонед ва мазмунашро нақл кунед.

Бо навиштани ҷумлаҳо ҷавоби саволҳоро муайян кунед.

*калон, васеъ*
Дарё ***(чӣ хел?)*** мешавад?
*чуқур*

*хурд, танг*
Ҷӯй ***(чӣ хел?)*** мешавад?
*паст*

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Аз асбобҳои хониш истифода бурда, ҳарфҷадвалро пур кунед.

## ҲАРФҶАДВАЛ

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | с | | М | | а | | |
| | | | л | а | | | | |
| | | | | к | | т | | |
| | | а | | т | а | | | |
| | у | | | а | | | | |
| | | | | б | | м | | |

## Мавзӯи 65. Варзиш

Маънои калимаи варзиш шуғл, машғулият, машқ кардани коре, тамрин ба ҳисоб меравад. Он маҷмӯи машғулият ва машқҳои ҷисмонӣ буда, барои тарбияи бадан, бозиҳои варзишӣ, ки кас бо мақсади мустаҳкам кардани саломатӣ ва инкишофи бадан машғул мешавад, «гимнастика» ё «атлетика» низ меноманд.

Варзиш барои саломатии инсон хеле фоидаовар аст. Варзиш дар ҳар давру замон қосиди сулҳу дӯстӣ ва муаррифгари ҳар миллату давлат буд ва мебошад.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Матнро хонед ва пас аз он тобиши маънои калимаи варзишро хотирнишин кунед.

Муайян кунед ва гӯед, ки кадоме аз калимаҳои зерин ба саволҳои **чӣ? кӣ? чиҳо?** ҷавоб мешавад?

Варзиш – варзишгар – варзишгарон
Спорт – спортчӣ – спортчиён

Бо кадом навъи варзиш (спорт) машғул будани варзишгаронро номбар кунед.



Бо имло ва тарзи навишти калимаҳо шинос шавед.

Гимнастика, атлетика, волейбол, волейболбозон, футбол, футболбоз, футболчиён, тӯб, тӯббоз, тӯббозӣ, бокс, боксёр, муштзанӣ, муштзан, гӯштин, гӯштингир, гӯштингирон, шамшер, шамшербоз, шамшербозон, найза, найзабоз, найзабозон.

Бо кӯмаки бародарон ва хоҳарони калонсол дахто номи навъҳои варзишро нависед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯи 66. Тарбияи ҷисмонӣ ва саломатӣ

Тарбияи ҷисмонӣ ба инсон барои ташаккул ва мустаҳкамкунии саломатӣ ёрӣ мерасонад. Бачаҳое, ки бо тарбияи ҷисмонӣ машғуланд, кам бемор мешаванд. Аз ин рӯ дар дарсҳо хуб иштирок менамоянд. Онҳо пуртоқат буда, кам хаста мешаванд. Дониши хуб доранд. Агар қаду қомати мавзун, тани сиҳат, мушакҳои бақувват доштан хоҳӣ, бо тарбияи ҷисмонӣ машғул шав. Тарбияи ҷисмонӣ ба бадани ту барои инкишоф ва рушди дуруст ёрӣ мерасонад.

Бо матн шинос шавед ва фикратонро баён кунед.

Бо кадом навъи варзиш машғул будани варзишгаронро ёдрас намоед.










*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ба ғайр аз шуғли варзиш боз бо чӣ гуна иҷрои амал банд будани писаракро баён кунед.

Бо имло ва тарзи навишти калимаҳо шинос шавед. Пас аз он дутоашро интихоб намуда, ҷумла тартиб диҳед.

Ғолиб, мағлуб, довар, ҳакам, майдон, стадион, фниш, хати марравӣ, мусобиқа, дарвоза, дарвозабон, ҷарима, давутоз, тохтутоз.

## Мавзӯи 67. Гимнастикаи пагоҳирӯзӣ

Агар гимнастикаи пагоҳирӯзиро мунтазам иҷро кунед, он барои инкишоф ва обутоб ёфтани бадани шумо нақши муҳим мегузорад. Қувваи мушакҳо зиёд мешавад. Фаъолияти корӣ хуб мегардад. Дараҷаи хасташавии бадан паст мешавад.

Машқҳои гимнастикӣ – бо як тартиби муайян иҷро карда мешаванд. Аввал рост кардани қомат, сипас машқҳо барои дастҳо, китфҳо, бадан, миён ва пой. Дар охир – давидан ва ҷаҳидан. Гимнастикаи пагоҳирӯзӣ бо қадамзанӣ дар ҷой, ки оҳиста-оҳиста кам карда мешавад, ба охир мерасад. Қоидаи асосиро аз хотир набаред.

Матнро хонед, қоида ва тартиби иҷрои машқи гимнастикиро ёдрас намоед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Ҳаракатҳои дасту по, қаду қомати писараки варзишгарро бо амали нишондод ёдрас кунед.



Калимаҳои ба саволҳои **чӣ кор мекунад? чӣ кор карда истодааст?** ҷавобшавандаро дар алоҳидагӣ нависед.

Метозад, мебозад, мешинад, мехезад, даст боло кардааст, по бардоштааст, даст ба миён гузоштааст, по ба даст гирифтааст, сар хам карда меравад, зону қад кардааст.

Аз силсилаи калимаҳои боло дутоашро интихоб намуда, ҷумла тартиб диҳед.

## Мавзӯъҳои 68–69. Беҳдошти шахсии бадан

Тарбияи ҷисмонӣ на танҳо иҷрои машқҳои ҷисмонӣ, балки риоя намудани тозагии бадан, мӯйҳо, нохунҳо ва даҳон аст. Риояи беҳдошти бадан қисми ҳатмии нақшаи рӯз

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



аст. Ба шумо ва шахсони шуморо иҳотанамуда дастони чиркин, дандонҳои ношуста, бӯйи араќи бадан хуш намеояд. Ба ғайр аз ин он ҷойҳои ҷамъшавии микробҳо мебошад. Аз ҳамин сабаб ба бадани шумо ба воситаи чароҳатҳои хурд барангезандагони бемориҳои гуногуни сироятӣ дохил мешаванд.

Тартиби асосии беҳдошти бадан, шустушуй аст. Дар давоми як ҳафта на камтар аз як маротиба бо оби гарму собун шустушуй кардан лозим аст. Пас аз шустушуй таҳпӯшҳоро иваз кардан лозим аст.

Дар давоми рӯз, хусусан ҳангоми машғул шудан бо машқҳои ҷисмонӣ дастҳо, рӯй ва гардан ифлос мешаванд. Онҳоро ҳатман саҳарӣ ва бегоҳӣ бо оби гарм ва собун шустан лозим аст.

Ба тозагии пойҳо риоя намудан хеле муҳим аст. Онҳоро ҳар шаб пеш аз хоб шустан лозим аст. Ин на танҳо тартиби беҳдошти бадан, балки як шакли обутоби бадан низ ба ҳисоб меравад. Пас аз иҷрои машқҳои ҷисмонӣ оббозӣ кардан шарт аст. Дандонҳои ношуста ва вайроншуда низ сабабгори бисёр бемориҳо мегарданд.

Дар байни гурӯҳҳо ташкил намудани лаҳзаи «Кӣ бисёртар ва мантиқан дуруст савол тартиб медиҳад?».

Баён намудани мазмуни матн.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



Бо кӯмаки омӯзгор калимаҳои зеринро аз ҷиҳати маъно шарҳ диҳед.

**Беҳдошт** – ... **Барангезандагон** – ...
**Иҳотанамуда** – ... **Сироятӣ** – ...

Бо кадом намуди варзиш шуғл варзиданатонро бо навиштани ду-се ҷумла баён кунед.

## Мавзӯи 70. Бандкашӣ

Бандкашӣ – яке аз бозиҳои варзишии бачагона аст, ки маъмулан дар ҷашни Наврӯз ва иду маъракаҳои мардумӣ барпо мешавад. Мусобиқаи бандкашӣ дар майдончаи ҳамвор ташкил шуда, барои он ресмони ғафси дарозиаш 8 – 10 м истифода мешавад. Дар мобайни майдон хате кашида мешавад. Иштирокчиён 4–6-нафарӣ ба ду



*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



даста ҷудо шуда, аз ду тарафи хат дар майдон ҷойгир мешаванд.

Бо фармони довар аъзои дастаҳо кӯшиш мекунанд, ки бандро ба сӯйи худ кашида, ҳарифонро аз хат ба майдони худ доранд. Кадом дастае, ки ҳарифонро кашида аз хат гузаронад, ғолиб дониста мешавад.

Баён намудани тартиб ва қоидаҳои бозии варзишии бандкашӣ.

Дар байни гурӯҳҳо ташкил намудани лаҳзаи саволу ҷавоб.

Аз рӯйи расм ва бозии бандкашӣ калимаҳои ба саволҳои зерин ҷавобшаванда нависед.

| чӣ кор карда-нист? | чӣ кор карда истодааст? | чӣ кор кардаанд? | чӣ кор мекунад? |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

Бо калимаҳои **меҷаҳад**, **метозад**, **баланд** ва **бардоштааст** ҷумла тартиб диҳед.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



# Мавзӯъҳои 71–72. Такрор ва мустаҳкамкунӣ

## ТЕСТ

1. Калимаи **«ақл»** ба кадом савол ҷавоб мешавад?
   а) ба саволи чӣ?
   б) ба саволи кӣ?
   в) ба саволи киҳо?
2. Ба калимаҳои **«боақл»**, **«ақлнок»** чӣ гуна савол гузошта мешавад?
   а) чиҳо?
   б) чӣ хел?
   в) чӣ кор кард?
3. Калимаҳои ифодакунандаи ахлоқи шоистаи инсон дар кадом банд дарҷ гардидааст?
   а) боодоб, одобнок
   б) беодоб, дурӯғгӯ
   в) фиребгар
4. Дар кадом банд тарзи дурусти калимаҳо ҷой гирифтааст?
   а) қулф б) қулуф в) қуфул
5. Калимаҳои **«варзиш»**, **«варзишгар»**, **«варзишгарон»** аз кадом ҷиҳат аз ҳамдигар фарқ мекунад?
   а) аз ҷиҳати маъно, барзиёдии ҳафру овозҳо
   б) аз ҳамдигар ҳеҷ гуна фарқ надорад
   в) ҳеҷ гуна фарқ мушоҳида карда намешавад

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE



6. Ин чӣ ном дорад?
а) шатранҷ, шоҳмот
б) пиёда, асп, донак
в) катакча, тахта
7. Аз рӯйи расм номи бозии варзиширо муайян кунед.
а) шашка
б) шоҳмот
в) тахтаи донакдор

## Мавзӯи 73. Кори назоратӣ ва таҳлили он

### Бозӣ

Дар рӯйи ҳавлӣ бозӣ сар шуд. Шодӣ тӯби футболро ба тарафи дастаи Файзӣ зад. Бозӣ авҷ гирифт. Бозиро дастаи Шодӣ бурид. Ҳама ба Шодӣ офарин гуфтанд. (27 калима)

### Одоби сухан

Гуфтор ҳусни инсон аст. Чароғи сухан дидаҳоро мунаввар месозад. Сухани бемантиқ, ногувор, ноандешида оқибат ба кас пушаймонӣ меорад. Ба назокати гуфтор беэътиборӣ кардан касеро беҳурмат мекунад. (28 калима)

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE

Все учебники Узбекистана на сайте UZEDU.ONLINE

*O'quv nashri*

Tavakkal Choriyev, Jumanazar Eshonqulov

# ONA TILI VA O'QISH SAVODXONLIGI

*Ta'lim tojik tilida olib boriladigan maktablarning 1-sinfi uchun darslik*

Рассом *Умеров Алим-Сеит*

Муҳаррир *Илҳом Эшонзодаи Насафӣ*
Муҳаррири бадеӣ *Сарвар Фармонов*
Муҳаррири техникӣ *Акмал Сулаймонов*
Дизайнер *Алимардон Ақилов*
Саҳифабанд *Феруза Хасанова*

Ба чопаш 1-уми июли соли 2021 имзо шуд. Андозаи 60×84 $^{1}/_{8}$.
Гарнитураи «Arial». Кегели 18 шпондор.
Бо усули офсет чоп шудааст. Ҷузъи чопии шартӣ 12,10.
Ҷузъи нашриву ҳисобӣ 9,73. Теъдоди нашр 9220 нусха.
Фармоиши № ____.

Дар чопхонаи ҶММ «Yangiyul Poligraph Service» нашр карда шуд.
112001. Вилояти Тошканд, шаҳри Янгийӯл, кӯчаи Самарқанд, хонаи 44.

*Книга предоставлена исключительно в образовательных целях
UZEDU.ONLINE